Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 017 назди Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024 ш.Душанбе, кӯч. Айнӣ,44)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати кори диссертатсионии Бобозода Комил Олимҷон дар мавзӯи «Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо.

Кори диссертатсионӣ ба асоснокии илмии равиши назариявӣ ва методологӣ бахшида шудааст, ки моҳияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ҳамчун категорияи мустақили нақлиётию иқтисодӣ ошкор мекунад. Муаллиф дар автореферати худ роҳҳои ташаккули кластерҳои ҳудудию соҳавиро, ки бо рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ дар фазои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи зич доранд, ошкор кардааст.

Докторант корҳои ҷиддии таҳлилӣ бурда, назарияҳои классикӣ ва консепсияҳои муосири ташаккули бозорро барои дарки ҳамаҷонибаи моҳияти маҳсулоти инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ва истеҳсоли онҳоро ҷамъбаст менамояд. Таъкид мекунад, ки фаъолияти мазкур системаи мураккаби кушодаи иҷтимоию иқтисодиест, ки рушди иқтисодии ҳудудҳоро фаро мегирад. Ва дар ин самт як қатор хусусиятҳо ва тавсифҳои фаъолияти инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ҳамчун система муайян мекунад.

Дар автореферати кори илмии Бобозода К.О. оид ба таъсис ва татбиқи системаи мониторинг бо истифода аз абзорҳои бенчмаркинг ва технологияҳои иттилоотии ҷуғрофӣ тавсияҳо медиҳад, яъне муносибати нав ба арзёбӣ ва пешгӯии фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ, ки бешубҳа як навоварии соҳаи ташкил ва ҳамкории иштирокчиёни бозор мебошад. Дар автореферати мазкур мисолҳои мушаххас, ҳисобҳо ва таҷрибаи кишварҳои дигар дар ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ оварда шудаанд, ки сатҳи таҳқиқотиро баланд бардошта, мутобиқати моделҳои ҳисоббарории таҳияшударо нишон дода, мувофиқати мақсаду вазифаҳои гузошташударо дар натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳад.

Ба сифати эрод, ки хусусияти тавсиявӣ дорад, бояд қайд кард, ки «*Ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилӣ ҷанбаи муҳими таъмини фаъолияти самараноки системаи нақлиёт дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мебошад. Бисёр чиҳатҳои ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиётро дарбар мегирад*». Дар

асоси ин, дар кор ба проблемаҳои ташкили хизматрасонии техникӣ, рушд ва нигоҳ доштани шабакаи роҳҳои баландсифат, ки дар самараи системаи нақлиёт нақши калон мебозанд, диққати кофӣ дода нашудааст.

Умуман кори илмии Бобозода К.О., бешубҳа мавзӯи мубрам буда, дорои навоварии илмӣ, аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Рисола роҳи ҳалли инноватсионию эҷодии як масъалаи мубрами илмӣ – ташкили фаъолияти истеҳсолии инфрасохтори нақлиёти автомобилиро ифода мекунад. Муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда дар нашрияҳои илмӣ аз чоп баромадаанд ва пурра дар автореферат инъикос ёфтаанд. Камбудиҳои дар автореферат буда принсипиалӣ нестанд ва аҳамияти диссертатсияро паст намекунад.

Аз рӯйи автореферат, кори пешниҳодшуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бандҳои Низомнома «Дар бораи додани унвонҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст ва муаллифи он Бобозода Комил Олимҷон аз рӯи ихтисоси 08.00.06.04 – Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, системаҳо ва комплексҳо сазовори гирифтани дараҷаи зарурии доктори илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назрияи иқтисодӣ
Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар
шаҳри Хуҷанд — Азимов А.Ҷ.

Дурустии имзои Азимов А.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд — Маҳмудов Ш.У.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд хиёбони И.Сомонӣ 169. E-mail: mavlon_1954@mail.ru